ФАРМОИШИ
РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «31» 10 соли 2025 № 396/ди ш. Душанбе

Дар бораи додани дараҷаи илмии
доктори илм

Мутобиқи сархати ҳабдаҳуми банди 9 ва сархатҳои чорум ва даҳуми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва бандҳои 4, 5, 6 ва 116 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Ба довталабони дараҷаи илмӣ тибқи рӯйхат (чор нафар) дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии доктори илм дода шавад (руйхат замима мегардад).
2. Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус (Мастонаи Сайдализод) дипломҳои намунаи давлатии дараҷаи илмиро барасмият дарорад.
3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ (Мавзуна Каримзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ва парвандаҳои аттестатсионӣ ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмӣ Расул Маъруфӣ вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2025, №11

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ЧУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи олии
аттестатсионии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «31» 10 соли 2025, № 396/ос

Рӯйхати
довталабоне, ки ба дараҷаи илмии доктори илм сазовор дониста шудаанд ва ба онҳо дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмӣ дода мешавад

№	Насаб, ном ва номи падари довталаб	Шурои диссертатсионӣ, ки барои сазовор донистани дараҷаи илмии доктори илм ба Комиссия дархостнома пешниҳод кардааст; дараҷаи илмӣ
1.	Ашурова Шаҳло Кулобиевна	6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)
2.	Собиров Абдусабур Шукурович	6D.КОА-048 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав; доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.03 – Назария ва методикаи фанҳои математикӣ)
3.	Зокирхонзода Муқадамхон Зокирхон	6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит
4.	Искандарзода Ҳофиз Ҳаким	6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент)